**АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info 07-@ahd.tj

№02-2771 аз «26» ноябри **соли 2021**
**Ба №________ аз «___» __________ соли 20__**

Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ
ва маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ,
хизматчиёни давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Мавзӯъ: Дар бораи пешниҳоди лоиҳаи «Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» барои муҳокима

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ карда шудааст, лоиҳаи Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатӣ барои давраи то соли 2030 таҳия гардидааст.

Дар робита ба ин, лоиҳаи мазкур бо забони давлатӣ дар гӯшаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ-лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии сомонаи Агентии хизмати давлатӣ (www.ahd.tj) ҷиҳати шиносоӣ, омӯзиш ва ирсоли эроду пешниҳодоти воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандон ҷойгир карда шудааст.

Хоҳишмандем, эроду пешниҳодоти худро ба Агентии хизмати давлатӣ тариқи хаттӣ ва ё тавассути сомонаи мазкур тариқи электронӣ ирсол намоед.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ичрокунанда: Ҳамидзода Ҳ. Х.
Тел: 224-08-79

# АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «___» ________ соли 2021 №_______ ш. Душанбе

Дар бораи Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030

Мувофиқи банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ карда шудаанд, ФАРМОН МЕДИҲАМ:

1. Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Барномаи мазкур аз ҷониби воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ ба роҳбарӣ қабул карда шуда, барои иҷро тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

3. Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва назорати Агентии хизмати давлатӣ барои иҷрои банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони мазкур тасдиқ карда шудааст, ҳамасола дар моҳи декабр Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барои соли навбатиро таҳия ва пешниҳод намояд.

4. Назорати таъмини иҷрои фармоиши мазкур ба муовини якуми директори Агентии хизмати давлатӣ супорида шавад.

Директори Агентӣ Давлатов Ҷ.М.

Бо фармоиши директори
Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__» _________ соли 2021
тасдиқ карда шудааст

# БАРНОМАИ
## идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд - Барнома) бо дарназардошти банди 181 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ карда шудаанд, таҳия гардидааст.

2. Барномаи мазкур бо мақсади татбиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, №1714 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мусоидат намуда, ба пешгирӣ ва муқовимат ба омилҳои бавуҷудоварандаи хусусияти коррупсионидошта равона карда шудааст.

3. Тибқи Барномаи мазкур фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 ҳамчун субъекте, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамояд, дар доираи вазифаҳои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд - Стратегия) тақвият дода мешавад.

4. Зуҳуроти коррупсия на танҳо ҷомеаи Тоҷикистон, балки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда, паҳншавии он ба коста гардонидани соҳаҳои мухталифи давлат, аз ҷумла соҳаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ оварда мерасонад.

5. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 баён доштанд: «Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад». Ҳамчунин, Президенти мамлакат дар Паёми худ ба

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 қайд намуданд: «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад».

6. Бе дарку фаҳмиши мафҳуми «коррупсия» андешидани чораҳои муассир ва барномарезии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия ғайриимкон мебошад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» коррупсия - кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад.

## 2. МАҚСАД, ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

7. Мақсади асосии Барномаи мазкур аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии хизматчиёни давлатӣ, фароҳам овардани шароити пешгирии коррупсия, такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ, таъмини иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муқовимат ба коррупсия, ташаккули фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, инчунин таъмини шаффофият дар фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ иборат мебошад.

8. Барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои Барнома анҷом додани вазифаҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- андешидани чорабиниҳо барои пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ дар байни хизматчиёни давлатӣ;
- пешбинӣ кардани чорабиниҳои мушаххас барои пешгирии коррупсия, инчунин муайян намудани иҷрокунандагон ва мӯҳлати онҳо дар Агентии хизмати давлатӣ;
- муайян ва бартараф намудани хавфҳои коррупсия;
- таъмини риояи талаботҳо оид ба рафтори хизматии хизматчии давлатӣ ва батанзимдарории бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ;
- такмили фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- татбиқи босамар ва мақсадноки маҳдудиятҳо, мамониату истисноҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда бо мақсади пешгирии коррупсия нисбати шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд;

- баланд бардоштани сифатҳои омодагии касбии мутахассисон дар самти ташкили пешгирӣ ва мубориза бевосита бар зидди коррупсия;

- такмили механизмҳои татбиқи технологияҳои кадрӣ дар хизмати давлатӣ;

- татбиқи самараноки нақшаю чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия.

9. Барномаи мазкур тавассути ба инобат гирифтани принсипҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад:

- қонуният;

- риоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ;

- баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ;

- ба назар гирифтани афкори ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- эътироф намудани коррупсия ҳамчун хатари асосӣ ба амнияти миллӣ.

## 3. САМТҲОИ АСОСИИ БАРНОМА

10. Самтҳои асосии Барнома бо дарназардошти мақсад, вазифа ва принсипҳои муқарраргардида муайян шуда, рафти минбаъдаи фаъолияти Агентии хизмати давлатиро дар самти муқовимат ба коррупсия мушаххас месозад. Аз ҷумла:

- тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия дар соҳаи хизмати давлатӣ, бахусус дар амалисозии технологияҳои кадрӣ;

- пурзӯр намудани чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия дар Агентии хизмати давлатӣ;

- таҳлили хавфҳои коррупсия дар Агентии хизмати давлатӣ ва бартараф намудани онро.

11. Тибқи муқаррароти Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия аз 21 ноябри соли 2003, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008, №952 тасдиқ гардидааст, уҳдадории ҳар як давлат ҷиҳати пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар хизмати давлатӣ ва ба низом даровардани хизмати давлатӣ, инчунин чораҳои муқовимат бар зидди ин падидаи номатлуб муайян карда шудааст, аз ҷумла:

- ташаккули низоми қабул ба кор, интихоб, пешрафт дар хизмат, адои хизмат ва дар ҳолатҳои зарурӣ шахсони дигари ба мансабҳои давлатӣ, таъин ва ё интихобшаванда, ки ба принсипҳои самаранокӣ, шаффофият ва фаъолияти бенуқсон, адолатнокии касбият ва қобилият асос меёбад;

- такмили расмиёти интихоб ва омода намудани кадрҳои ба ишғоли мансабҳои давлатӣ, ки махсусан аз нигоҳи коррупсия осебпазир мебошанд ва дар ҳолати мавҷудияти асосҳо анҷом додани ҷойивазкунии онҳо;

- мусоидат ба татбиқи барномаҳои маърифатӣ ва таълимӣ, ки ба кодексҳо ё меъёрҳои рафтор асос меёбанд;

- таъмини иҷрои дуруст ва муносиби вазифаҳои давлатӣ ва дарки амиқи хавфҳои коррупсия, ки ба фаъолияти ишғолкунандагони мансабҳои хизмати давлатӣ дахл доранд.

Инчунин, барои пешгирии ҳолатҳои сӯистифодаи ваколатҳои хизматӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» барои хизматчиёни давлатӣ як қатор чораҳои зиддикоррупсионии мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

12. Барои тақвият бахшидани самтҳои муқаррарнамудаи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 ва Барномаи мазкур амалисозии чорабиниҳои мушаххас истифода карда мешавад.

## 4. ЧОРАБИНИҲОИ БАРНОМА

13. Барои тақвият бахшидани фаъолият дар самти муқовимат ба коррупсия дар Барномаи мазкур чорабиниҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:

- муайян намудани шахсони масъули Агентии хизмати давлатӣ оид ба муқовимат ба коррупсия ва таъмини иҷрои Стратегия;

- мувофиқи банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030» ва банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи мазкур барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) ҳар сол таҳия ва тасдиқ намудани Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли ҷамъбастӣ;

- назоратбарӣ ва баррасии даврии ҷараёни иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия, Барномаи мазкур ва Нақшаҳои чорабиниҳои идоравӣ дар ҷаласаҳои ҳайати мушовараи Агентии хизмати давлатӣ, ҷаласаҳои машваратии назди директори Агентии хизмати давлатӣ ва санҷишу таҳлили иҷрои онҳо;

- таҳлили соҳавии хавфҳои коррупсия дар Агентии хизмати давлатӣ ва бартарафсозии хавфҳои ошкоршуда;

- тақвият бахшидани корҳо дар самти муқовимат ба коррупсия ва бартараф намудани омилҳои он;

- андешидани чораҳо оид ба таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар Агентии хизмати давлатӣ;

- омӯзиши масъалаҳои коррупсия, идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ,

ташкили таҷрибаомӯзӣ дар мақомоти давлатии хориҷии дорои таҷрибаи пешқадам;

- таъмини иштироки фаъоли хизматчиёни давлатӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия;

- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба муқовимат ба коррупсия ва таъмини самаранокии иҷрои онҳо;

- ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиддикоррупсионии соҳавӣ;

- гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои таҳияшаванда бо мақсади сода ва фаҳмо ифода намудани мафҳумҳо, риояи Конститутсия, қонунҳо, ҳифзи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон, роҳ надодан ба такрори вазифаҳо ва функсияҳои сохторҳои дигари давлатӣ, истисно намудан ба манфиатҷӯӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои гуногун ба субъектҳои алоҳида;

- ба таври ҳатмӣ гузаронидани арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои таҳиянамудаи Агентии хизмати давлатӣ ва амалисозии хулосаҳои онҳо;

- баррасии ҳатмии хулосаҳои экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, татбиқи онҳо дар Агентии хизмати давлатӣ;

- татбиқи босамар ва мақсадноки маҳдудиятҳо ва мамониату истисноҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда бо мақсади пешгирии коррупсия нисбат ба шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд;

- таъмини мунтазами принсипҳои воқеъбинона, шаффоф ва холисона гузаронидани озмунҳо ва баҳодиҳӣ ба довталабон дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти давлатӣ;

- назорати ҷорӣ намудани фаъолияти доимии видеокамераҳо (бақайдгирандагони наворӣ) дар толорҳои баргузории озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;

- интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатӣ ҳамчун чораандешии муассири зиддикоррупсионӣ;

- назорати рафти баргузории баҳодиҳии солонаи фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ;

- мунтазам баргузор намудани мониторинги натиҷаҳои аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ бо мақсади муайян намудани таъмини иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи натиҷаҳои аттестатсия;

- назорати ҳолати ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ бо мақсади пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ дар мақомоти давлатӣ;

- мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи таъқиби ҷиноятӣ (доғи судӣ) ва таҳияи пешниҳод оид ба таъмини мувофиқати байни санадҳои қонунгузорӣ;

- таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санадҳои дахлдори қонунгузорӣ оид ба таъмини мутобиқати байни онҳо вобаста ба масъалаи таъқиби ҷиноятӣ (доғи судӣ);

- гузаронидани мониторинги содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ;

- гузаронидани мониторинги содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии коррупсионӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ;

- такмили низоми эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии хизматчиёни давлатӣ;

- назорати қатъии истифодаи мақсадноки маблағҳои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти Агентии хизмати давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ ва таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ;

- дар доираи идомаи ислоҳоти музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ таҳияи пешниҳод оид ба такмили музди меҳнат ва дигар ҳавасмандгардониҳои хизматчиёни давлатӣ;

- тақвияти фаъолияти Агентии хизмати давлатӣ дар доираи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ», такмили низоми ғайринақдии пардохтҳо дар муносибатҳои молиявӣ, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди қабули қарорҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳо, назоратбарӣ ва мониторинги амалишавии онҳо, инчунин ташаккули низоми коргузории электронӣ ва ба сатҳи сифатан нав бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатӣ;

- дар воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ муайян намудани телефонҳои боварии доимоамалкунанда барои қабули муроҷиатҳои шифоҳӣ;

- шаффоф ва дар мӯҳлати муқарраргардида баррасӣ намудани муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Агентии хизмати давлатӣ;

- истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма дар самти тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, инчунин нашр ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба муқовимат ба коррупсия дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ;

- дар сомонаи Агентии хизмати давлтӣ ба нашр расонидани натиҷаи санҷишҳои молиявии Агентии хизмати давлатӣ;

- дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ мунтазам ҷойгир намудани маълумоти дахлдори соҳаи хизмати давлатӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва эълони озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, маводи тарғиботии муқовимат ба коррупсия, инчунин матни Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он;

- дар ҳолати фаъолии доимӣ нигоҳ доштани почтаҳои электронии воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ барои қабули муроҷиатҳои электронӣ;

- дар ҳолати фаъолии доимӣ нигоҳ доштани гӯшаҳои «Тамос бо мо» ва «Нома ба мо»-и сомонаи Агентии хизмати давлатӣ барои қабули мурочиатҳои электронӣ;

- ташкили курсҳои таълимӣ, машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионии онҳо, риояи одоби хизматӣ, бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо ва тақвият бахшидани раванди муқовимат ба коррупсия;

- мусоидат ба Академияи идоракунии давлатӣ вобаста ба ташкили курсҳои такмили ихтисос барои шахсони мутасаддӣ оид ба таъмини ичрои Стратегия;

- мусоидат ба Академияи идоракунии давлатӣ оид ба ташкили курсҳои такмили ихтисос барои кормандони вазорату идораҳо ва мақомоти мубориза баранда бар зидди коррупсия ва судӣ;

- ташкили курсҳо ва семинарҳо барои кормандони мақомоти давлатии дахлдор оид ба масъалаҳои аудити дохилӣ ва берунӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ;

- ташкили омӯзиши Конвенсияи СММ зидди коррупсия аз 21 ноябри соли 2003, ки бо қарори Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008, №952 тасдиқ гардидааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Стратегияи мазкур ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ташаккули идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ ва ахлоқи намунавии хизматчиёни давлатӣ дар доираи курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва машғулиятҳои идоравии мақомоти давлатӣ, чалби бештари чавонон ба таълими иловагӣ;

- ташкили омӯзиши Конвенсияи СММ зидди коррупсия аз 21 ноябри соли 2003, ки бо қарори Мачлиси намояндагони Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008, №952 тасдиқ гардидааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Стратегияи мазкур ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони Агентии хизмати давлатӣ;

- таъмини ичрои Тавсияҳои дахлдори Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳои Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ;

- ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳо вобаста ба муайян кардани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия аз чониби кормандони макомоти давлатӣ бо чалби чомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ мунтазам гузаронидани вохӯриҳо.

## 5. МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМА

14. Амалисозии Барномаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ, мақомоту ташкилотҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда мешавад.

15. Бо мақсади амалӣ сохтани Барномаи мазкур, Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 Нақшаи чорабиниҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар сол таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

16. Дар сурати иҷро нашудани бандҳои дар нақшаҳои қаблӣ пешбинигардида, чораандешӣ карда шуда, иҷрои онҳо бо асоснокӣ дар солҳои минбаъда таъмин карда мешавад.

17. Агентии хизмати давлатӣ оид ба иҷрои Стратегияи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он ҳар сол дар охири моҳи декабр ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.

## 6. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ БАРНОМА

18. Маблағгузории Барнома метавонад аз ҳисоби воситаҳои буҷетӣ, лоиҳаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда шавад.

19. Агентии хизмати давлатӣ метавонад дар заминаи нақшаҳои тасдиқгардида аз тамоми имкониятҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, истифода карда, бо дарёфти маблағгузории иловагӣ чорабиниҳои пешбинишударо амалӣ намояд.